*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 98 (4838) | ДУШАНБЕ, 12 АВГУСТИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



**9-уми августи соли 2024 дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон Вохӯрии шашуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ баргузор гардид.**

## ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ҚАЗОҚИСТОН

Дар Вохӯрии шашуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров, Президенти Туркманистон Сердар Бердимухаммедов ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев иштирок карданд.

Сарони давлатҳо доираи васеи масъалаҳои мубрами ҳамкориҳои кишварҳои минтақаро баррасӣ намуданд.

Зимни суханронӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи сарони давлатҳои Осиёи Марказиро ба масъалаҳои ҳамкорӣ баҳри густариши минбаъдаи робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, таҳияи барномаҳои алоҳидаи соҳаҳои кишоварзӣ, саноат ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав, амалисозии лоиҳаҳои бузурги нақлиётӣ, инфрасохтор ва логистикӣ, истифодаи самараноки захираҳои гидроэнергетикӣ, рушди соҳаҳои фарҳангу гуманитарӣ ва дигар масъалаҳои мубрам ҷалб намуданд.

Президенти кишвари мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз пешравии ҳамкорӣ дар минтақа давоми шаш соли охир қаноатмандӣ карда, ҳамаи онро самараи азму иродаи қавии сиёсии роҳбарони кишварҳо унвон намуданд.

Сарвари давлати мо иброз доштанд, ки дар шароити кунунии тағйироти босуръати ҷаҳон зарурати ташаккули дидгоҳи ягонаиояндаи Осиёи Марказӣ ба миён омадааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки дар вохӯриҳои машваратии гузашта зиёда аз сад пешниҳод ва ташаббус ба миён гузошта шуд, ки мавриди баррасӣ қарор дошта, хусусияти дарозмуддат доранд. Татбиқи ҳар яки он иқтидори рушди муштаракро зиёд мекунад.

Дар давоми панҷ соли охир гардиши мол дар минтақа беш аз ҳаштод дарсад афзоиш ёфта, аз 10 миллиард доллари амрикоӣ боло рафт.

Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор карданд, ки дар сурати истифодаи самараноки иқтидори мавҷуда гардиши мол дар минтақа метавонад дарояндаи наздик ба 20 миллиард доллари амрикоӣ расад.

Аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳод карда шуд, ки нахустин вохӯрии вазирони саноати кишварҳои Осиёи Марказӣ соли оянда дар шаҳри Душанбе баргузор шавад.

Дар доираи вохӯриҳои машваратӣ ҳар сол баргузор намудани намоишгоҳи «Экспо-Осиёи Марказӣ» низ муфид арзёбӣ гардид.

Таҳкими ҳамкорӣ дар бахшҳои тиҷорати электронӣ, технологияҳои рақамӣ ва энергетика, бахусус «энергетикаи сабз», заминаи калидии рушди «иқтисоди сабз» дар минтақа номида шуд.

Дар пасманзари афзоиши хатару таҳдидҳои ҷаҳонӣ Сарвари давлати мо пешниҳод карданд, ки шаклҳои нави самараноки ҳамкорӣ дар соҳаи амният тарҳрезӣ гардад.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарур шумориданд, ки механизмҳои ҳамкориҳои зичи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъсис дода шавад.

Аз рӯйи натиҷаҳои Вохӯрии шашуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ санадҳои зерин қабул гардиданд:

- Изҳороти муштараки сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ аз рӯйи натиҷаҳои Вохӯрии шашуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ;
- Консепсияи рушди ҳамкории минтақавии «Осиёи Марказӣ-2040»;
- Харитаи роҳ оид ба рушди ҳамкории минтақавӣ барои солҳои 2025-2027;
- Қарори Вохӯрии шашуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ «Дар бораи мукофотонидани Мирзиёев Ш. М., Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, бо «Нишони фахрии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ»;
- Нақшаи ҳамкории саноатии давлатҳои Осиёи Марказӣ барои солҳои 2025-2027;
- Ёддошти тафоҳум оид ба рушди марказҳои нақлиётию логистикӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ;
- Баёнияи Остонаи Вохӯрии шашуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ;
- Баёния аз рӯйи натиҷаҳои вохӯрии якуми вазирони энергетикаи давлатҳои Осиёи Марказӣ.

Қисмати дуюми нишаст бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев, ки ба ҳайси меҳмони фахрӣ даъват шуда буданд ва намояндаи махсуси Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Каха Имнадзе баргузор шуд.

Ҳамчунин, бо иштироки сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар фазои тантанавӣ бо «Нишони фахрии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ» сарфароз гардонида шуд.

**www.prezident.tj**



## БАРҚИЯИ ТАСАЛЛИЯТ

**12-уми августи соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Федеративии Бразилия муҳтарам Луис Инасиу Лула да Силва барқияи тасаллият ирсол намуданд, ки дар он гуфта мешавад:**

«Ҷаноби Олӣ,

Хабари суқути ҳавопаймои мусофирбар дар вилояти Сан-Паулуи Ҷумҳурии Федеративии Бразилия, ки боиси талафоти зиёди ҷонӣ гардид, моро сахт андуҳгин намуд.

Дар робита ба ин фоҷиаи вазнин ба Шумо ва мардуми дӯсти Бразилия таъзияву тасаллияти амиқи инҷонибро иброз дошта, хоҳиш мекунам, ки ҳамдардии самимии моро ба пайвандону наздикони фавтидагон бирасонед».

## СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ

**12-уми августи соли 2024 суҳбати телефонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Сарвазири Ҷопон ҷаноби Фумио Кисида бо ибтикори он ҷониб баргузор гардид.**



Дар оғози суҳбат Сарвари давлатамон дар робита ба заминларзаи шадиде, ки чанде пеш дар Ҷопони дӯст рух дода буд, ҳамдилӣ ва дастгирии худро изҳор доштанд.

Сипас, Пешвои миллат дарки ҷониби Тоҷикистонро аз тасмими ба замони дигар гузаронидани вохӯриҳои бисёрҷониба ва дуҷониба, ки ба наздикӣ ба нақша гирифта шуда буданд, таъкид намуданд.

Дар раванди суҳбат ҷонибҳо, ҳамчунин, ҳолати кунунӣ ва дурнамои робитаҳои Тоҷикистон ва Ҷопонро баррасӣ намуда, омодагиашонро барои идомаи тамосҳо ҷиҳати рушди минбаъдаи онҳо тасдиқ карданд.

Ҳамзамон, оид ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ табодули афкор сурат гирифт.

**www.prezident.tj**

Сатрҳои ихлос

## ОЛИМИ НОМВАР ВА ФАРДИ НАКУХИСЛАТ

**Вақте сухан дар бораи академик Кароматулло Олимов меравад, пеши назар олими пуркор, инсони хоксор, фарди поктинату некандеш ва шахси дар дӯстӣ вафодор падид меояд.**

Вақте аз наздик бо устод ҳамсуҳбат мешавед, гӯё ӯро солҳо боз мешиносед.

Акаи Кароматулло инсони хушзабону хушмуомила, бомаданияту хирадманд ҳастанд. Ҳангоми муошират бо дигарон дар бораи худ қариб ҳарфе намегӯянд, дар бораи чизе, ки ҳамсуҳбаташон меписандад, бештар сухан меронанд.

Худованд ба Кароматулло Олимов хислатҳои хуби инсонӣ, аз ҷумла ростқавлӣ, покзабонӣ, хушгуфторӣ, фурӯтанӣ, инсондӯстӣ, мардумсолорӣ ва накӯкориро фаровон ато намудааст. Маҳз чунин фазилатҳои неки инсонӣ буд, ки тӯли умр пастию баландиҳои зиндагиро муваффақона паси сар намуда, аз имтиҳонҳои ҳаёт сарбаландона гузаштаанд. Имрӯз зиндагиномаи эшон барои фарзандону пайвандон, шогирдону наслҳои ҷавон дарси ибрат аст.

Ӯ шахси оиладӯст ҳастанду ҳамсари меҳрубону бовафо ва фарзандону набераҳои донишманд доранд. Дар солҳои пурмоҷарои 90-уми асри гузашта ҳамчун узви Комиссияи оштии миллӣ баҳри ба эътидол овардани вазъи сиёсии кишварамон саҳми арзанда гузоштаанд.

Академик Кароматулло Олимов муаллифи даҳҳо китобу садҳо мақолаҳои илмӣ буда, ба ҳайси мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазири фарҳанги Тоҷикистон, ноиби президенти Академияи миллии илмҳо ва ғайра бенуқсон фаъолият доштанд.

Онҳое, ки қаҳрамони матлабро мешиносанд, хислатҳои неки инсонӣ, поквиҷдонию садоқати бемисли эшонро ба Пешвои миллат таъкид менамоянд.

Дар хотир дорам, ки соли 1993 дар шаҳри Тошканд ҳимояи рисолаи доктории ин олими шинохта баргузор гардида буд. Дар он ҷаласа банда низ ширкат намуда, шоҳиди дониши амиқу ҷаҳонбинии васеи ин марди шариф гаштам. Аъзои комиссияи бонуфуз рисолаи доктории ӯро муҳокима карда, баҳои баланд доданд ва номзадии Кароматулло Олимовро ба унвони доктори илми фалсафа якдилона тарафдорӣ намуданд.

Ин олими пухтакор тӯли чанд соли охир ба таълифи китобҳои «Таърихи фалсафаи тоҷик» ва дигар осори гаронбаҳои бузургони илму адаб машғуланд.

Номбурда шогирдони зиёд доранду бо амалҳои ватанпарастонаю қавиироадагиашон фарзанди фидоии миллати тоҷик буданашонро борҳо исбот кардаанд.

Умед дорем, ки солҳои тӯлонӣ академик Кароматулло Олимов ба наслҳои имрӯзу фардои миллат дарси ватанхоҳӣ, решакан намудани падидаҳои ифротгароию ҷаҳолатпарастиро меомӯзанд, ба сокинони кишвар қадру манзалат, мақому ҷонбозиҳои шабонарӯзии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҷиҳати дар арсаи ҷаҳонӣ баланд бардоштани обрӯю нуфузи Тоҷикистони соҳибистиқлол муаррифӣ менамоянд.

**Аз Худо металабам зиндагии шоди туро,**
**Хонаи бахти пур аз ишрату ободи туро.**



**Гулшани ишқу сафо арсаи ҷавлони ту бод,**
**Ва нагирад қафасе булбули озоди туро.**
**Рӯзи хушбахтии ушшоқи ҷаҳон гардонад,**
**Караму лутфи Худо маҳфили милоди туро.**

**Карамулло ОДИЛОВ,**
**муовини раиси Шурои собиқадорони КИ ҲХДТ дар вилояти Суғд**

## РАҶАББОЙ АҲМАДЗОДА: «АКСАРИ НИШОНДИҲАНДАҲО ЗИЁД ВА СУБОТИ МАКРОИҚТИСОДӢ НИГОҲ ДОШТА ШУД»

**Дар нишасти матбуотии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд 26-уми июли соли равон раиси вилоят Раҷаббой Аҳмадзода доир ба натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии вилоят дар нимсолаи аввали соли 2024 иттилоъ дод, ки аксари нишондиҳандаҳо нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд буда, суботи макроиқтисодӣ нигоҳ дошта шудааст.**



- Нишондиҳандаи кӯтоҳмуҳлати рушди иқтисодиёт ба 16,2 миллиард сомонӣ ва суръати афзоиш ба 108,2 фоиз расида, ҳиссаи вилоят дар нишондиҳандаи кӯтоҳмуҳлати рушди иқтисоди ҷумҳурӣ ба 26,3 фоиз баробар шудааст,- афзуд раиси вилоят.

Тавре иттилоъ дода шуд, суръати афзоиш дар соҳаи саноат нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта бо назардошти индекси нархҳо 110,1 ва соҳаи кишоварзӣ 113,1 фоиз таъмин гардида, гардиши савдо ба 9 миллиарду 239,9 млн. сомонӣ ва суръати афзоиш ба 107,5 фоиз расидааст.

Таъмини маоши кормандони соҳаи буҷавию нафақа баъд аз 40 дарсад зиёд шудан, сабаби боз ҳам ба нокомӣ дучор шудани соҳаи кирмакпарварӣ дар мавсими имсола, риоя нашудани меъёрҳо ҳангоми сохтмони биноҳои баландошёна дар шаҳри Хуҷанд, барқарор намудани мактабҳои садамавӣ, фаъолияти комиссияи давлатӣ роҷеъ ба муайянсозии марз бо Ҷумҳурии Қирғизистон ва кӯчонидани автовокзали куҳнаи шаҳр аз масъалаҳое буданд, ки дар нишасти матбуотӣ баррасӣ шуданд.

**М. МАҚСУДОВ, «Садои мардум»**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 30-юми августи соли 2024 музоядаи № 43-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд

| т/р | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Вазни умумии борхалтаҳо (кг) | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Борхалтаҳои хурду калони либосҳои гуногунтамға | адад | 66 | 3283,1 | 388 114 |
| 2 | Борхалтаҳои нисбатан калонтари либосҳои гуногунтамға | адад | 15 | 980,2 | 115 664 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол»** оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда соати **$10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ЭЪЛОН!

Иҷрочиёни Хадамоти иҷро дар Суди иқтисодии шаҳри Душанбе 22 августи соли 2024, соати $10^{00}$ музоядаи такрорӣ (ауксион)-ро барои фурӯши амволи ба ҳабс гирифташуда - 4 адад компютер (системный блок HP)-и истифодашуда бо арзиши 2100 сомонӣ; 2 адад монитори компютери тамғаи «Dele», истифодашуда, бо арзиши 750 сомонӣ; 1 адад монитори компютери тамғаи «Хиквижон 21,5», истифодашуда, бо арзиши 350 сомонӣ; 1 адад таҷҳизоти серверӣ, тамғаи «HP ML 310e», истифодашуда, бо арзиши 4500 сомонӣ; 1 адад таҷҳизоти серверӣ, тамғаи «ThihkSystem SR 630», истифодашуда, бо арзиши 4300 сомонӣ; 1 адад таҷҳизоти серверӣ, тамғаи «ThihkSystem SR 630», истифодашуда, бо арзиши 2500 сомонӣ; 1 адад принтери тамғаи «МФУ HP», истифодашуда, бо арзиши 1700 сомонӣ; 1 адад принтери тамғаи «Ранга», истифодашуда, бо арзиши 5800 сомонӣ; 5 адад шабакаи фаъол, тамғаи «CheckPoiht 3600», «Коммутатор», истифодашуда, бо арзиши 2650 сомонӣ; 5 адад телефони тамғаи «IP Avay», «IP PHONE» ва «Мини АТС», истифодашуда, бо арзиши 25 сомонӣ; 1 адад телефони рақамӣ, истифодашуда, бо арзиши 5500 сомонӣ; 2 адад таҷҳизоти овозии тамғаи «Polycom», истифодашуда, бо арзиши 2500 сомонӣ; 1 адад ҷевони фулузӣ (шкаф), истифодашуда, бо арзиши 1800 сомонӣ; 1 адад ҷевони фулузӣ (сейф), истифодапшуда, бо арзиши 1800 сомонӣ; 1 адад автомашинаи тамғаи «АУДИ А6», соли бароришаш – 2006, рангаш сиёҳ, бе назардошти арзиши барасмиятдарории гумрукӣ бо арзиши 90898 сомонӣ, баргузор менамоянд.

Пешпардохт барои иштирок дар музояда 5 фоиз аз нархи ибтидоӣ муайян гардидааст. Хоҳишмандон метавонанд барои гирифтани маълумоти иловагӣ ба иҷрочиёни Хадамоти иҷро дар Суди иқтисодии шаҳри Душанбе муроҷиат намоянд.

**Телефон барои тамос: 904-88-19-85.**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Шиносномаи техникии хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе таҳти қайди 5341 бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи чоруми кӯчаи Титов (ҳоло Ҷавонон), хонаи 7 ба Собиров Аҳмадҷон додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ моҳи июни соли 2014 таҳти қайди 27298 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Сарикиштӣ, деҳаи Конститутсия ба Юсупов Ҳабибуло додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшудаи силсилаи Т-ШТУ № 0516887 дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №2-и ноҳияи Айнии вилояти Суғд 5-уми июли соли 2012 ба Шикебо Духти Муродбахт додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи К. Сеткина, бинои 44, хонаи 16 ба Одинаева Майрам Ғайратовна додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи гумшудаи №0153523, ки онро Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ 7-уми ноябри соли 2014 таҳти қайди 5377 ба Холова Умриниссо додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи гумшудаи силсилаи ДМБ № 0145144, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 10-уми июни соли 2020 таҳти қайди 3425 ба Латипов Эраҷ Баҳриддинович додааст, эътибор надорад.

✓Эълони нашршуда («СМ» №96 (4836) аз 5-уми августи соли 2024) «Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №1286294, ки онро МТМУ №14-и ноҳияи Рӯдакӣ 5-уми июли соли 2024 ба Олимова Фараҳноз Тоҳировна додааст, эътибор надорад», бинобар ёфт шудани аттестати зикршуда, эътибор надорад.

✓Дипломи гумшудаи силсилаи ДТО № 0017648, ки онро Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон соли 2007 таҳти қайди 568 бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ ба Шукронаева Шахло Савлатшоевна додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи қарзии гумшуда, ки он дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 4 ноябри соли 2019 таҳти феҳрасти 2Ш-1510 байни Давлатов Муҳаммадшариф Набиевич (санаи таваллуд – 8.01. соли 1997) ва Раҳимов Абдуазиз Фатҳулаевич (санаи таваллуд – 15.10. соли 1957) ба расмият даровarда шудааст, эътибор надорад.

✓Дастхати гумшуда дар бораи гирифтани қарз, ки 4 ноябри соли 2019 байни Раҳимов Абдуазиз Фатҳулаевич (санаи таваллуд – 15.10. соли 1957) ва Давлатов Муҳаммадшариф Набиевич (санаи таваллуд – 08.01 соли 1997) ба расмият дароварда шудааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи гарави гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 4 ноябри соли 2019 таҳти феҳрасти 3Ш-233 байни шаҳрвандон Давлатов Муҳаммадшариф Набиевич (санаи таваллуд – 08.01. соли 1997) – гаравгир-қарздеҳ ва Раҳимов Абдуазиз Фатҳулаевич (санаи таваллуд – 15.10. соли 1957) – қарзгир – гаравдеҳ ба расмият даровarда шудааст, эътибор надорад.

✓Созишномаи гумшуда дар бораи ҳаққи дасткашӣ, ки дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 4 ноябри соли 2021 таҳти феҳрасти 1Ш-1663 байни шаҳрвандон – Давлатзода Муҳаммадшариф Набӣ (то иваз намудани ному насаб Давлатов Муҳаммадшариф Набиевич) (санаи таваллуд – 08.01. соли 1997) – гаравгир-қарздеҳ ва Раҳимов Абдуазиз Фатҳулаевич (санаи таваллуд – 15.10. с. 1957) ба расмият дароварда шудааст, эътибор надорад.

✓Созишномаи гумшуда дар бораи ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба шартномаи гарав, ки 17-уми октябри соли 2020таҳти феҳрасти 2Ш-2066 дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе байни Давлатзода Муҳаммадшариф Набӣ (то иваз намудани ному насаб-Давлатов Муҳаммадшариф Набиевич) (санаи таваллуд – 08.01 соли 1997) ва Раҳимов Абдуазиз Фатҳулаевич (санаи таваллуд - 15.10 соли 1957) ба расмият дароварда шудааст, эътибор надорад.

✓Созишномаи гумшудаи силсилаи ДШ №1191068 дар бораи ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба шартномаи қарз, ки 17-уми октябри соли 2020 дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе таҳти феҳрасти 2Ш-2065 байни Давлатзода Муҳаммадшариф Набӣ (то иваз намудани ному насаб – Давлатов Муҳаммадшариф Набиевич (санаи таваллуд – 08.01. соли 1997) ва Раҳимов Абдуазиз Фатҳулаевич (санаи таваллуд - 15.10 соли 1957) ба расмият дароварда шудааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатӣ (маҳдудиятҳои (гаронииҳои ҳуқуқ), ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 16-уми октябри соли 2020 таҳти №2921 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Сино, бинои 138/2, хонаи 1 ба Давлатов Муҳаммадшариф Набиевич додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи қонунигардонии молу мулк, ки онро Комиссия оид ба қонунигардонии молу мулки ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 18-уми декабри соли 2008 таҳти №2169 барои хонаи истиқоматӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ф. Шаҳобов, хонаи 12 ба Раҳимов Абдуазиз Фатҳулаевич додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №005572, ки онро Кумитаи замини шаҳри Ҳисор бо суроғаи шаҳри Ҳисор, ҷамоати деҳоти М. Ризо, к. Москва соли 1997 ба Ҳафизов Ҳаким додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи гумшудаи А 00682949, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Рӯдакӣ 24-уми ноябри соли 2016 ба Раҷабов Наҳтулло Холмуродович додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникӣ таҳти рақами инвентарии 33359-и гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Ҳисор 26 августи соли 2020 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, ҷамоати деҳоти Дурбат, деҳаи Дурбат ба хоҷагии деҳқонии «Абдусамад» додааст, эътибор надорад.

✓Маълумотномаи гумшудаи силсилаи ҶТ № 14775, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 10-уми декабри соли 2022 ба Гадоев Шариф Исмоилович додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари гумшудаи хона, ки онро ШВКД дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ф.Шаҳобов, хонаи 34 ба Ҷӯраев Сайфулло Равшанович додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи силсилаи А № 962910, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5-и ноҳияи Ҳисор (ҳоло МТМУ №5-и ноҳияи Шаҳринав) соли 1983 ба Гулов Файзулло Нарзуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓Иқтибоси гумшуда аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ 15-уми феврали соли 2023 ба ҶДММ «Аслисамар» додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ 15-уми феврали соли 2023 ба ҶДММ «Аслисамар» (РЯМ 1210015153) додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ № 1167886, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №51-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2023 ба Розиқов Муҳаммадрофеъ Тағоевич додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Норак 10-уми октябри соли 2018 таҳти №348 бо суроғаи шаҳри Норак, деҳоти Дуконӣ, деҳаи Чал-Чал ба Одинаев Раҷабалӣ Сафарович додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи гумшудаи дараҷаи илмии номзади илм (ИКД №002161), ки онро 28-июни соли 2018 (протоколи №6 к 1/12) аз рӯйи ихтисоси 14,01,14- Дандонпизишкӣ Ҷумҳурии Қирғизистон ба Ҷумъаев Шерзод Мирзоевич дода, бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баробарарзиш дониста шудааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ҶДММ «Абдулворис» (РМА 030034017, РЯМ 0310022112), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 14-уми сентябри соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ҶДММ «Ҳуснобод» (РМА 210009624, РЯМ 2110006195), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 2-юми ноябри соли 2021 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓Соҳибкори инфиродӣ Назаров Файзалӣ Зикрилоевич (РМА 126154966), ки 8-уми декабри соли 2022 дар Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

✓Кооперативи тиҷоратии «Ориёно С» (РМА 200012081), ки онро Нозироти андози ноҳияи Фархори вилояти Хатлон соли 2010 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ҶДММ «Ситораи само» (РМА 010103419, РЯМ 0110027125), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 15-уми октябри соли 2021 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

## ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 424125 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №131-и ноҳияи Сино | Таъмири ҷории бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №131-и ноҳияи Сино | Озмуни кушод | Кор | 1 | 18.08.2024 14:00:00 |
| 2 | 424104 | Муассисаи давлатии «Телевизиони кӯдакону наврасон - Баҳористон» | Таҷҳизоти техникии студиявӣ, фото ва видео-камераҳои касбӣ ва видео-ноқилҳои махсус | Озмуни кушод | Мол | 15 | 28.08.2024 16:05:00 |
| 3 | 424109 | Раёсати Хадамоти давлатии оташнишонии шаҳри Душанбе | Молҳои канселярӣ | Озмуни кушод | Мол | 20 | 28.08.2024 16:30:00 |
| 4 | 424110 | Раёсати Хадамоти давлатии оташнишонии шаҳри Душанбе | Молҳои хоҷагидорӣ ва инвентари оташнишонӣ | Озмуни кушод | Мол | 19 | 28.08.2024 16:30:00 |
| 5 | 424113 | Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ | Таҷҳизоти офисӣ ва курсии корӣ | Озмуни кушод | Мол | 7 | 28.08.2024 17:30:50 |
| 6 | 424111 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 6 | 29.08.2024 08:30:00 |
| 7 | 424112 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сабзавоти тару тоза | Озмуни кушод | Мол | 7 | 29.08.2024 08:30:00 |
| 8 | 424114 | Муассисаи таълимии давлатии «Литсей барои хонандагони болаёқат»-и шаҳри Кӯлоб | Ангишт | Озмуни кушод | Мол | 1 | 29.08.2024 10:17:34 |
| 9 | 424116 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №157»- и ноҳияи Сино | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 31 | 29.08.2024 10:30:12 |
| 10 | 424115 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони № 96»-и шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 30 | 29.08.2024 10:40:44 |
| 11 | 424119 | Хадамоти давлатии фелдегерии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Автомобили сабукрав | Озмуни кушод | Мол | 1 | 29.08.2024 11:10:27 |
| 12 | 424117 | Мактаби олии Вазорати корҳои дохилӣ | Ашёи ошхона, канселярӣ, сантехникӣ ва молҳои электротехникӣ | Озмуни кушод | Мол | 40 | 29.08.2024 11:25:13 |
| 13 | 424118 | Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ | Таъмири асосии бинои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 29.08.2024 11:36:36 |
| 14 | 424121 | Корхонаи давлатии фаръии Хоҷагии манзилию коммуналии шаҳри Панҷакент | Ниҳолҳои гул | Озмуни кушод | Мол | 5 | 29.08.2024 11:40:35 |
| 15 | 424124 | Корхонаи воҳиди давлатии Бонки саноативу содиротии Тоҷикистон «Саноатсодиротбонк» | Таҷҳизоти хазинавӣ | Озмуни кушод | Мол | 9 | 29.08.2024 11:50:00 |
| 16 | 424122 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Масолеҳи сохтмонӣ, лавозимоти рӯзгор ва офис, маҳсулоти хӯрокворӣ, нуриҳои минералӣ, насосҳо, таҷҳизоти корӣ, таҷҳизоти корӣ ва масолеҳи масрафӣ, стеллажҳои мобилӣ, коммутаторҳо ва либоси профессори фахрӣ | Озмуни кушод | Мол | 98 | 29.08.2024 13:00:45 |
| 17 | 424126 | Кӯдакистони №1-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 50 | 29.08.2024 13:12:42 |
| 18 | 424120 | Мактаби варзишии ноҳияи Нуробод | Таъмири ҷории варзишгоҳи марказии шаҳраки Дарбанди ноҳияи Нуробод | Озмуни кушод | Кор | 1 | 29.08.2024 14:30:45 |
| 19 | 424128 | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | Лоиҳакашии бинои маъмурии филиали Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар вилояти Хатлон | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 29.08.2024 15:00:00 |
| 20 | 424129 | Муассисаи давлатии «Кӯдакистони №50»-и назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 19 | 29.08.2024 15:10:37 |
| 21 | 424123 | МД «Нигоҳдошти боғу гулгашт, майдончаҳои варзишӣ ва бозии кӯдакон» дар назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Молҳои хоҷагидорӣ, контейнери баҳрии металлӣ, ниҳолҳои гул ва нуриҳои органикӣ | Озмуни кушод | Мол | 12 | 29.08.2024 15:55:55 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ-22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

**ИНДЕКСИ ОБУНА 68852**

**Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**САРМУҲАРРИР**
Бахтовар КАРИМЗОДА

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
***Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова.***

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 12 августи соли 2024, соати 11:40 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33085 нусха*

Навбатдори шумора Ш. Ҳусейнзода

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97